# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-063 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН
**аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа**

Парвандаи аттестатсионии №___

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 09.12.2025, №10
Барои сазовор донистани Саидзода Қурбоналӣ Саид, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори фалсафа

Диссертатсия дар мавзӯи "Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод гардидааст, аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5), ки дар асоси фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 таҳти №488/шд таъсис ёфтааст, ба ҳимоя қабул карда шуд (протоколи №21 аз 07.10.2025).

Довталаби дараҷаи илмӣ – Саидзода Қурбоналӣ Саид, 23-уми июни соли 1991 таваллуд шудааст.

Соли 2013 МДТ Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллощ Рудакиро аз рӯйи ихтисоси "Иқтисодиёт ва идора дар корхона" хатм намуда, соҳиби дараҷаи бакалаври иқтисодиёт шудааст. Соли 2015 дар донишгоҳи номбурда зинаи магистратураро хатм намуда, дараҷаи магистриро аз рӯйи ихтисоси "Иқтисодиёт ва идораи корхона" ба даст овардааст.

Аз соли 2016 то 2019 дар докторантураи Донишгоҳи давлатии Кулоб ба ҳайси докторант - доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт таҳсил намудааст.

Мавриди қайд аст, ки бо назардошти номувофиқатии ихтисоси хатмкардаи докторант ба ихтисоси диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшаванда Саидзода Қ.С. дар асоси розигӣ-мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 16.05.2025, №07(48) 02-264) фарқияти академии ихтисосҳои болозикрро супоридааст ва розигии КОА гирифта шудааст.

Фаъолияти илмӣ-педагогии худро Саидзода Қ.С. аз соли 2015 ҳамчун лаборанти кафедраи "Иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ"-и ДДК оғоз намуда, дар вазифаҳои ассистенти кафедра, мутахассиси шӯъбаи идоракунии сифати таҳсилот, муаллими калони кафедра, сармутахассиси шӯъбаи кадрҳо ва муовини сардори раёсати таълими донишгоҳ фаъолият намуда, аз моҳи октябри соли 2022 инҷониб дар вазифаи сардори раёсати таълими Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кор карда истодааст. Оиладор, соҳиби 4 фарзанд.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Қурбонов Абдулҳайт Каримович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

- Аминов Иномҷон - д.и.и., профессори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;
- Абдураҳмон Ҳакимзод – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи соҳибкорӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз, асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Хулосаи мусбати додашудаи муассисаи пешбар аз тарафи коршинос, н.и.и., мудири кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинги Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Бойназарова Моҳира Маҳмараҷабовна таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинги Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (аз 04.11.2025, суратҷаласаи №2.1.) баррасӣ гардидааст ва аз тарафи ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, д.и.и., дотсент Раҳмонзода З.Ф. тасдиқ шудааст.

Дар тақризи муассисаи пешбар мубрамияти мавзӯи рисолаи илмӣ муфассал қайд гардида, аз ҷумла омадааст, ки дар шароити муосири рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, такмили механизми ташкилию иқтисодии соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии Тоҷикистон ба унсури калидии сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Афзоиши талаботи бозор ба маҳсулоти рақобатпазири озуқаворӣ, зарурати истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ ва ҳадафи коҳиши вобастагӣ аз воридоти ғизо, рушди соҳибкории аграриро ба вазифаи муҳими стратегии миллӣ мубаддал месозанд. Соҳибкории истеҳсолии аграрӣ барои амнияти озуқаворӣ ва беҳбуди сатҳи зиндагӣ нақши асосӣ дорад, аммо сатҳи кунунии рушди он барои иҷрои пурраи ҳадафҳои стратегии миллӣ кофӣ нест.

Набудани ҳамгироии мукаммали сохторҳои молиявӣ, субъектҳои соҳибкорӣ ва бозори кишоварзӣ зарурати бознигарии механизмҳои амалкунандаро афзоиш медиҳад. Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсия ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ муҳим буда, таҳқиқот ба ошкор ва таҳлили масъалаҳои асосии ташкилию идоракунии соҳибкории истеҳсолӣ дар деҳоти Тоҷикистон равона шудааст.

Дар хулосаи тақризи муассисаи пешбар қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзӯи "Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти илмиву тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методӣ омода гардидааст, дар он масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он - Саидзода Қурбоналӣ Саид сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Довталаби дарачаи илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия 22 мақола дар ҳаҷми умумии 10,2 ҷ.ч., аз ҷумла, 9 мақола (5,4 ҷ.ч.) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонидааст, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

1. Механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт [Матн] / Қ.С.Саидзода, А.К. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. (маҷаллаи илмӣ). - Душанбе, 2024. –№7.- С. 194-203. ISSN 2413-5151.

2. Арзёбии вазъи рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт [Матн] / Қ.С. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. (маҷаллаи илмӣ).- Душанбе, 2024. – №7.- С. 121-128. ISSN 2413-5151.

3. Баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт [Матн] / Қ.С. Саидзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ.-ш. Бохтар , 2023. - №1-4 (116), Қисми 2. – С. 187-193. ISSN 2663-5534.

4. Таҳлили муқоисавии соҳибкории хурду миёна дар бахши аграрии иқтисодиёт [Матн] / Қ.С. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. (маҷаллаи илмӣ). - Душанбе: “СИНО”, 2024. –№1. - С. 122-134. ISSN 2413-5151.

5. Истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии рушди соҳибкории хурду миёна дар бахши аграрии иқтисодиёт [Матн] / Қ.С. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2023. – №11. -С. 89-100. ISSN 2413-5151.

6. Роҳҳои такимилдиҳии механизми дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна дар бахши соҳибкории кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қ.С. Саидзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2022. 3 (48) – С. 267-274. ISSN 2308-054X.

7. Таҳлили вазъи муосири соҳибкории хурду миёна дар бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қ.С. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. (маҷаллаи илмӣ). (Қисми 1).- Душанбе, 2020. – №9. - С. 187-193. ISSN 2413-5151.

8. Рушди шаклҳои хурд ва миёнаи соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қ.С. Саидзода, З.М. Зиёев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. (маҷаллаи илмӣ). Душанбе, 2018. –№9. - С. 92-96. ISSN 2413-5151.

9. Анализ эффективности развития малых и средних форм предпринимательство в АПК Хатлонской области [Текст] / Қ.С. Саидзода, А.Ф. Каджкулоев // Вестник КГУ им. Н. Хусрав (научный журнал). –Курган-Тюбе, 2017. - №1-3 (47-2017). – С. 150-156. ISSN 2663-5534.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шуданд:**

1. Аз номи Восидиён Фарҳод Садулло – н.и.и, муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- дар қисмати назариявии автореферат таърифи муаллифӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда кам дида мешавад, сифати кор баланд мегардид агар муаллиф нуқтаи назари худро муфассал пешниҳод менамуд.

- сифати илмии кор боз ҳам баланд мешуд, агар муаллиф дар боби дуюми кори таҳқиқотӣ оид ба қарзҳои имтиёзноки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба соҳибкорони истеҳсолӣ пешниҳодшударо мавриди таҳлил қарор медод.

2. Аз номи Абдуқодиров Хайрулло Абдусаломович – д.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- муаллиф дар саҳифаи 24 диаграммаи ҳисобкунии арзишҳои пешбинишудаи ҳаҷми маҳсулоти умумии хоҷагии қишлоқ барои давраи то соли 2035-ро тартиб додааст, аммо бо кадом усули математикӣ ин дурнаморо муайян кардааст, норавшан аст.

- муаллиф дар автореферат таҳлили кунунии вазъи хоҷагиҳои деҳқониро мавриди арзёбӣ ва натиҷагирӣ қарор додааст. Бисёр хуб мешуд агар имтиёзҳои андозие, ки ба хоҷагиҳои деҳқонӣ дода шудаанд, дар ин қисмати таҳқиқот мавриди арзёбӣ қарор мегирифтанд.

3. Аз номи Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ – д.и.и., профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара, бо чунин эродҳо:

- дар таҳлили муқоисавӣ ва натиҷагирӣ истифодабарии воситаҳои визуалӣ (графикҳо, диаграммаҳо, чадвалҳо) нисбати давлатҳои тараққикарда метавонист муаррифии натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам равшантар гардонад;

- омилҳои таъсиррасон ба рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолиро дар бахши аграрии иқтисодиёт метавон бештар таҳқиқ кард.

4. Аз номи Бобоазиззода Шамшод Абдуғафур – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи менеҷмент ва соҳибкории Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо чунин эродҳо:

- муҳаққиқ шумораи шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифташуда аз рӯйи шакли моликият ва андоза дар соҳаи кишоварзиро ба таври фаҳмо ва илман таҳлил намудааст. Агар шумораи умумии бақайдгирифташудагонро вобаста ба минтақаҳо тақсим намуда, баъд аз чадвали болозикр дар матн дарҷ менамуд, боз ҳам сифати зербоб мукаммалтар мегашт.

- муаллиф тамоюли тағйирёбии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар корхонаҳои кишоварзӣ дар солҳои 2016-2023-ро мавриди таҳлил қарор додааст. Аз таҳлил маълум мегардад, ки шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар соли 2021 нисбат ба дигар солҳои пешин кам ба қайд гирифта шудааст. Агар аз ҷониби муҳаққиқ камшавии онҳо бо назардошти таъсири бемории коронавирус асоснок мегашт, аз манфиат холӣ намебуд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе норасогиву камбудиҳои автореферати диссертатсия муҳимияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***коркард карда шудааст:*** асосҳои назариявию методологии такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар шароити иқтисодиёти муосири Тоҷикистон;

- ***пешниҳод шудааст:*** модели такмилёфтаи ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ, ки ба беҳсозии фаъолияти корхонаҳои

истеҳсолӣ ва афзоиши самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ равона шудааст;

- ***асоснок гардидаанд***: омилҳо, шартҳо ва самтҳои такмилдиҳандаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ, муносибатҳои иштирокчиёни бозор, инфрасохтор, дастгирии давлатӣ ва механизмҳои идоракунӣ дар бахши аграрии кишвар.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***тасдиқ гардидааст***: беназир будани нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар таъмини рушди иқтисодии кишвар ва самаранокии низоми иқтисодӣ;

- ***баррасӣ гардидааст***: моҳияти иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ, тамоюлҳои институтионе, омилҳо ва маҳдудиятҳои рушди он дар шароити иқтисоди бозорӣ, хусусиятҳои ташаккули механизмҳои идоракунӣ дар бахши аграрӣ;

- ***истифода шудаанд***: усулҳои муосири таҳлили иқтисодӣ, моделсозии иқтисодӣ, усулҳои муқоисавӣ, таҳлили оморӣ, моделҳои арзёбии омилҳо, усулҳои коркарди индикаторҳои рушди соҳибкорӣ ва усулҳои таҳқиқоти амалӣ.

Истифодаи усулҳои зикршуда самаранокӣ ва асоснокии натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмиро таъмин намудаанд:

- таҳлили вазъи муосири соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи соҳаи аграрӣ гузаронида шудааст;

- самтҳои асосии такмили механизми фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ дар шароити муосир таҳия ва пешниҳод шудаанд;

- заминаҳои беҳбуди механизми баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ дар асоси баҳодиҳии афзалияти муқоисавии он таҳия гардидаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

- натиҷаҳои таҳлилӣ ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар фаъолияти сохторҳои давлатӣ оид ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар умум, алалхусус дар бахши аграрӣ истифода бурда шудаанд;
- барои беҳтар намудани фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзӣ, корхонаҳои коркард ва ширкатҳои истеҳсолӣ пешниҳодҳои мушаххас таҳия шудаанд;
- **муайян карда шудааст**, ки истифодаи механизми пешниҳодгардида ба афзоиши самаранокӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва беҳтар гардидани муҳити соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ мусоидат мекунад;
- **пешниҳод карда шудааст**: маҷмӯи тадбирҳои амалӣ оид ба такмили механизми давлатии дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ, дастгирии сармоягузорӣ, инфрасохтори бозорӣ ва усулҳои муосири идоракунӣ дар фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:** таҳлили пурраи кори муаллифони гуногун дар мавзуи таҳқиқшуда, СМР то соли 2030, иртиботи маводҳои маҷаллаҳои махсуси соҳавӣ, инчунин маълумоти соҳаи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва истифодаи дурусти усулҳои системавии ҳалли мушкилот таъмин карда шудааст.

Хулоса ва тавсияҳо, ки дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошанд.

- **назарияи таҳқиқот** ба асосҳои устувори илмӣ ва таҳлилҳои муфассали иқтисодӣ такя намуда, ҷавобгӯи талаботи илми муосири иқтисодӣ мебошад;
- **ғояи таҳқиқот** - такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ - бо муҳтавои равшан ва асоснок пешниҳод гардидааст;
- **аслият ва навгониҳои натиҷаҳои таҳқиқот** дар он ифода меёбанд, ки муаллиф модел ва механизми такмилёфтаро таҳия намудааст, ки дар илм ва амалия қаблан ба таври комплексӣ татбиқ нашуда буд;
- **коркардҳо** аз нигоҳи назариявӣ, методологӣ ва амалӣ дорои эътимоднокӣ буда, мувофиқи усулҳои муосири таҳқиқоти иқтисодӣ иҷро шудаанд ва манбаъҳои боэътимоди оморӣ асоси онҳоро ташкил медиҳанд.

Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

- тамоми зинаҳои таҳқиқот ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқот, ба монанди интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудаанд;
- масъалаи такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолиро бори аввал дар мисоли бахши аграрии Тоҷикистон ба таври комплексӣ таҳқиқ кардааст;
- модели нави ташкилию иқтисодӣ, усулҳои такмилёфтаи таҳлил ва механизмҳои амалӣ барои рушди соҳибкории истеҳсолиро мустақилона таҳия намудааст;
- натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалиро бо таҳлилҳои шахсии худ асоснок намудааст;
- ҳамаи коркардҳои назариявӣ ва амалиро шахсан анҷом дода, саҳми мустақими илмӣ гузоштааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 09 декабри соли 2025 қарори сазовор донистани Саидзода Қурбоналӣ Саид ба дараҷаи илмии доктори фалсафа аз рӯи ихтисос (доктори PhD) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар (1 нафар тариқи маҷозӣ) иштирок доштанд, аз ҷумла доктороми илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 4 нафар. Овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил - 0, бюллетени беэътибор - 0.

**Раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Шарофзода Ф.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** **Исмоилов А.А.**